ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

ба диссертатсияи Ифтихори Амонқул дар мавзуи «Ҷанбаҳои ҳунарӣ ва вижагиҳои жанрии ашъори Мастон Шералӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2. Филология (6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ). – Душанбе, 2026. – 174 с.

Дар адабиётшиносии муосири тоҷик масъалаи омӯзиши эҷодиёти шоирони солҳои 60-ум ва 80-ум ва таҳлили вижагиҳои жанрӣ, бадеӣ ва ғоявии осори онҳо аҳаммияти хосса дорад. Дар шароити рушди босуръати фарҳанги миллӣ ва густариши равандҳои адабӣ, таҳқиқи мероси адабии шоирони муосир аз ҷиҳати назарияи жанр, поэтика ва таҳлили бадеии матн низ дорои аҳаммияти калон мебошад.

Аз ин лиҳоз, интихоби мавзуи диссертатсия аз ҷониби диссертант асоснок буда, ба яке аз масъалаҳои муҳим ва мубрами илми адабиётшиносӣ бахшида шудааст. Таҳқиқоти мазкур метавонад, ба рушди назарияи жанр ва таҳлили поэтикаи ашъори шоирони муосири тоҷик саҳми назаррас гузорад.

Лозим ба зикр аст, ки дар адабиётшиносии муосири тоҷик то ба ҳол масоили марбут ба сохтору муҳтаво ва ҷанбаҳои ҳунариву поэтикаи ашъори Мастон Шералӣ таҳқиқоти ҷудогонае сурат нагирифтааст, ки ин диссертантро барои баррасии ҳаматарафаи ашъори шоир, махсусан муайян намудани вижагиҳои жанрӣ ва ҳунари шоирии Мастон Шералӣ водор намуда, дар айни ҳол ҳамчун мавзуи мубрам маҳсуб меёбад.

Мастон Шералӣ ба ҳайси яке аз шоирони номдори адабиёти муосири тоҷик шинохта шудааст, вале эҷодиёти ӯ дар адабиётшиносии муосири тоҷик мавриди таҳқиқи ҳамаҷониба қарор нагирифтааст. Аз ин рӯ, диссертатсияи мавриди назарро метавон пажуҳиши саривақтӣ дар шинохти паҳлуҳои номакшуфи ашъори Мастон Шералӣ донист.

Метавон гуфт, ки интихоб ва таҳқиқи мавзуи **«Ҷанбаҳои ҳунарӣ ва вижагиҳои жанрии ашъори Мастон Шералӣ»** аз ҷониби диссертант огоҳона сурат гирифтааст, зеро аз баррасии муҳаққиқ дар такя ба осори таҳқиқии назарии адабӣ бармеояд, ки Мастон Шералӣ бо сабки нигориши сода ва шевою дилнишини худ ба арсаи адабиёт омада, дар байни шоирон ва мунаққидони замони худ ва баъдӣ мақоми хосса пайдо кардааст.

Мутобиқати мавзуъ ва мухтавои диссертстсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Диссертатсияи Ифтихори Амонқул дар мавзуи **«Ҷанбаҳои ҳунарӣ ва вижагиҳои жанрии ашъори Мастон Шералӣ»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи

ихтисоси 6.2. Филология (6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) мувофиқат менамояд.

Мубрамии мавзуи таҳқиқ. Мастон Шералӣ яке аз шоирони номвари адабиёти муосири тоҷики солҳои 60-ум ва 80-уми садаи XX ба шумор меравад, ки аз худ ашъори арзишмандеро ба ёдгор гузоштааст. Баррасии ҷанбаҳои ҳунарӣ, вижагиҳои жанрӣ ва рӯзгори Мастон Шералӣ аз аҳаммияти илмӣ холӣ нест. Эҷодиёти ӯ бо гуногунрангии жанрӣ, ғановати тасвирҳои бадеӣ ва умқи ғоявӣ фарқ мекунад. Бо вуҷуди ин, оид ба жанрҳои ашъори ин шоир ва хусусиятҳои поэтикии онҳо то имрӯз таҳқиқоти фарогир анҷом наёфтааст.

Пажуҳиши масъалаҳои матраҳгардида дар шинохти амиқтари паҳлуҳои ҳанӯз таҳқиқнагардидаи рӯзгор ва осори адабии Мастон Шералӣ дорои аҳаммияти хос мебошад.

Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд. Муаллифи диссертатсия дар раванди таҳқиқоти худ осори муҳаққиқони ватаниву хориҷиро, ки ба масъалаҳои назарияи жанр, поэтикаи шеър, таҳлили адабиёти муосир ва усулҳои таҳқиқи матни бадеӣ бахшида шудаанд, мавриди омӯзиши ҳамаҷониба қарор додааст. Дар ин замина диссертант, татбиқи меъёрҳои жанриро дар эҷодиёт Мастон Шералӣ санҷида, ибтикорот, анъанапардозӣ ва навовариҳои ӯро мушаххас нишон додааст, ки дар адабиётшиносии муосир дастоварди ҷадид аст. Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодкардаи диссертант ҷанбаҳои назарӣ ва амалии кори диссертатсиониро фаро гирифта, масоили то кунун таҳқиқнашудаи рӯзгору осори Мастон Шералиро дар бар гирифтааст. Муаллифи диссертатсия ин қисмати таҳқиқро тибқи талабот дар чор банд манзур кардааст, ки аз ҷараёни дурусти таҳқиқ гувоҳӣ медиҳад.

Асосноки ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта. Хулосаву тавсияҳои илмӣ ва пешниҳодҳое, ки дар диссертатсияи Ифтихори Амонқул оварда шудаанд, ҳамагӣ бар пояи метод ва принсипҳои илмӣ рӯйи кор омада ва мутобиқ ба талаботи таълифи диссертатсияҳои илмӣ мебошанд. Эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсионӣ бо пажуҳиши амиқи масъалаҳои мавриди назар таъмин гардида, ба тезисҳои муайяни методологиву асноди гуногунпаҳлуи таҳлилӣ дар мувофиқат бо сохтору вазифаҳои таҳқиқи диссертатсионӣ асос ёфта, барои пажуҳиши ҷанбаҳои ҳунарӣ, вижагиҳои жанрӣ ва дигар паҳлуҳои ашъори Мастон Шералӣ боис гардидаанд.

Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия. Дар умум, диссертатсия аз муқаддима, чаҳор бобу чаҳордаҳ фасл, панҷ зерфасл, хулосаҳо, тавсияҳо

оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт ва интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия таркиб ёфта, ҳаҷми умумии он 174 саҳифа мебошад.

Дар муқаддима диссертант мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, мақсад ва вазифаҳо, равишҳои таҳқиқро мушаххас баррасӣ намуда, баъдан нуктаҳои меҳварии барои ҳимоя тавсияшаванда, навгониии илмии таҳқиқот, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довтлаби дараҷаи илмиро дар таҳқиқи мавзуъ шарҳу тавзеҳ додааст.

Боби аввали диссертатсия, ки **«Ҷойгоҳи Мастон Шералӣ дар адабиёти солҳои 60-80-уми садаи XX»** номгузорӣ шудааст, се фаслро дарбар мегирад. Фасли аввал **«Вазъи адабиёти солҳои 60-80-уми садаи XX»** буда, дар он доир ба вазъи адабиёти солҳои 60-ум ва 80-ум ва мавқеи Мастон Шералӣ дар ин давра матраҳ гардидааст.

Фасли дуюми боби мазкур **«Зиндагиномаи Мастон Шералӣ»** унвон дорад, ки дар ин фасл диссертант зиндагиномаи Мастон Шералиро муфассал мавриди таҳқиқ қарор додааст, ки хонанда метавонад, аз паҳлуҳои норавшани зиндагиномаи шоир бархурдор гардад. Дар ин қисмати диссертатсия зарур дониста шудааст, ки ба омӯзиши зиндагиномаи Мастон Шералӣ ва барқарор намудани ҷараёни он иқдом карда шавад, то хонандаи тоҷик аз шахсияти воқеӣ, адабӣ ва хислатҳои хубу писандида, хосса сирати зебои шоир ибрате гирифта бошад.

Фасли сеюми боби якуми диссертатсия **«Тавсифи мероси адабии шоир»** номгузорӣ шуда, доир ба мероси адабии Мастон Шералӣ сухан рафта, дар он аз шеъри нахустини шоир «Ватан» (соли 1953 ба нашр расидааст) ёдовар шуда, сипас, маҷмуаи якуми шоир «Мавҷҳои Зарафшон» (1964) ва маҷмуаҳои дигари ӯ «Илҳом» (1969), «Реша дар об» (1970), «Ситора» (1972), «Ташнагӣ» (1975), «Раҳтӯша» (1978), «Қиёми офтоб» (1981), «Борони сабз» (1983), «Ихлос» (1986), «Боли оташ» (1988) мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Боби дуюми диссертатсия **«Мавқеи жанрҳои адабӣ дар эҷодиёти Мастон Шералӣ»** унвон ёфта, фарогири як фасл ва панҷ зерфасл мебошад. Фасли аввал **«Хусусиятҳои жанрии ашъори Мастон Шералӣ»** ном дошта, доир ба хусусият ва жанрҳои ашъори шоир аз қабили ғазал, рубоӣ, дубайтӣ, чаҳорпора ва шеъри озод андешаронӣ намудааст.

Зерфасли якуми боби дуюм **«Ғазал дар эҷодиёти шоир»** мебошад, ки дар он диссертант жанри ғазалро дар эҷодиёти Мастон Шералӣ таҳлилу баррасӣ намудааст.

Зерфасли дуюми боби дуюм **«Рубоӣ дар эҷодиёти шоир»** ном дошта, дар он роҷеъ ба масоили жанри рубоӣ ва мавқеи он дар эҷодиёти Мастон Шералӣ сухан рафтааст.

Зерфасли сеюми боби дуюм **«Дубайтӣ дар эҷодиёти шоир»** унвон дошта, доир ба дубайтӣ ва хусусиятҳои жанрии он дар ашъори шоири мавриди назар андешаҳои худро иброз намудааст.

Зерфасли чоруми боби дуюм **«Чаҳорпора дар эҷодиёти шоир»** номгузорӣ шудааст, ки дар он чаҳорпораҳои эҷоднамудаи Мастон Шералӣ мавриди баррасии илмӣ қарор гирифтааст.

Зерфасли панҷуми боби дуюм **«Назаре ба шеъри озоди шоир»** мебошад, ки диссертант ҷойгоҳи ин навъи шеъриро дар адабиётшиносии муосир таҳқиқ карда, шеърҳои озоди Мастон Шералиро аз нигоҳи сохторию услубӣ матраҳ намудааст.

Боби сеюми диссертатсия **«Вижагиҳои мавзуӣ ва бадеии ашъори Мастон Шералӣ»** номгузорӣ шуда, аз 7 фасл иборат аст. Фасли якуми боби сеюм **«Ҷанбаҳои мавзуии эҷодиёти шоир»** унвон дошта, дар он мавзуъҳои Модар, Ватан, ҷавонмардӣ, сахопешагӣ, садоқату вафодорӣ, ишқи поку муҳаббати беолоиши инсонӣ, ҳувияти миллӣ, эҳтироми муқаддасот ва дигар арзишҳои миллӣ, васфи манзараҳои табиати зебои диёр ва рӯзгору зиндагонӣ сухан рафтааст.

Фасли дуюми боби сеюм **«Мавзуи ишқ дар эҷодиёти шоир»** ном дошта, диссертант бо овардани мисолҳои дақиқ аз ашъори шоир ҷилваи ишқро ошкор карда, шеърҳои ошиқонаи Мастон Шералиро таҳлил намудааст.

Фасли сеюми боби сеюм **«Мавзуъҳои иҷтимоӣ дар ашъори шоир»** номугзорӣ гардида, дар он доир ба шеърҳои иҷтимоии эҷоднамудаи шоир сухан рафта, дар асоси таҳлили ашъори ӯ Мастон Шералиро ҳамчун шоири гуманист муаррифӣ мекунад, ки ин аз нигоштаҳои худи ӯ бармало мебошад.

Фасли чоруми боби сеюм **«Тавсифи Ватан ва Модар дар ашъори Мастон Шералӣ»** мебошад, диссертант шеърҳои ватандӯстона ва дар ситоиши модар эҷоднамудаи шоирро таҳқиқ карда, собит месозад, ки Мастон Шералӣ яке аз шоирони ватандӯсту ситоишгари васфи модар буда, қисме аз ашъори худро ба ин ду муқаддасот бахшидааст.

Фасли панҷуми боби сеюм **«Хусусиятҳои забонии ашъори шоир»** номгузорӣ шуда, исбот мегардад, ки забони ашъори Мастон Шералӣ содаву равон буда, дар он аз аксари унсурҳои забонӣ истифода бурдааст.

Фасли шашуми боби сеюм **«Вижагиҳои сабкии ашъори шоир»** унвон дошта, диссертант бо овардани шеърҳои шоир ҳамчун далели илмӣ

муайян намудааст, ки Мастон Шералӣ дар эҷоди шеър ба касе вобаста набуда, бештар аз сабку услуби ба худаш хос корбурд намудааст, ки ин ашъори ӯро дилнишин намудааст.

Фасли ҳафтуми боби сеюм **«Воситаҳои тавсвири бадеӣ дар ашъори Мастон Шералӣ»** номгузорӣ шуда, дар он истифодаи санъатҳои бадеӣ дар шеъри ӯ мавриди омӯзиш қарор гирифта, диссертант бо мисолҳо собит намудааст, ки Мастон Шералӣ ташбеҳ, такрор, саволу ҷавоб ва амсоли инро моҳирона ба кор бурдааст.

Дар боби чоруми диссертатсия рочеъ ба **«Вазн, қофия ва радиф дар ашъори Мастон Шералӣ»** маълумот дода шуда, дар 3 фасл фароҳам таҳия шудааст. Фасли якуми боби чорум **«Ҷойгоҳи авзони арӯзӣ дар эҷодиёти шоир»** ном дошта, вобаста ба ҷойгоҳи вазнҳои арӯз дар ашъори Мастон Шералӣ сухан меравад.

Фасли дуюми боби чорум **«Анвои қофия дар ашъори Мастон Шералӣ»** унвон дошта, дар он доир ба навъҳои қофия, тарзҳои қофиябандӣ ва дигар масъалаҳои марбут ба он дар ашъори шоир таҳқиқ гардидааст.

Фасли сеюми боби чорум **«Нақши радиф дар ашъори шоир»** буда, мавқеи радиф дар шеърҳои шоир пажуҳиш гардида, хусусиятҳои корбурди радиф аз ҷониби шоир мушаххас гардидааст.

Таҳлили бобҳои диссертатсия нишон медиҳад, ки муаллиф масъалаи интихобшударо ба таври пайгирона ва илмӣ таҳлил намуда, тавонистааст, натиҷаҳои муҳимми илмӣ пешниҳод намояд.

Хулосаи диссертатсия аз 11 банд иборат буда, дар ин бандҳо натиҷаи таҳқиқ аз масъалаҳои дар мундариҷаи кор овардашуда фароҳам омадаанд. Хулосаи диссертатсия ба равиши вазифаҳои дар таҳқиқот овардашуда ба забони равони илмӣ навишта шудааст.

Аҳаммияти назарӣ ва амалии диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои он метавонад, барои рушди назарияи жанр ва поэтикаи шеър дар адабиётшиносии тоҷик истифода шаванд, арзиши амалии таҳқиқот дар он аст, ки натиҷаҳои он метавонад, дар таълими фанҳои адабиётшиносӣ, таҳияи курсҳои махсус оид ба адабиёти муосири тоҷик истифода гардида, барои таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ замина фароҳам оваранд.

Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Коркарди илмии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд. Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои интишорнамудаи муаллиф дар

маҷмуъ 10 адад буда, 6 мақолаи он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расида, бо мавзуъ ва мундариҷаи таҳқиқи диссертатсионии диссертант робитаи мустақим дошта, нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни онро бозтоб менамоянд.

Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия. Диссертатсия ва автореферат аз ҷониби диссертант Ифтихори Амонқул дар мавзуи **«Ҷанбаҳои ҳунарӣ ва вижагиҳои жанрии ашъори Мастон Шералӣ»** ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводи илмӣ, ҳамчунин, муқаррароти Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия. Дар баробари дастовардҳои илмӣ, дар диссертатсия баъзе ноҷӯриҳо ба мушоҳида мерасанд, ки ислоҳи онҳо ҳусни рисоларо афзун менамояд:

1. Ба назари инҷониб, унвони боби дуюми диссертатсия таҷдиди назар мехоҳад, зеро самти таҳқиқи он ашъори Мастон Шералӣ мебошад, на ҳамаи эҷодиёти ӯ;

2. Ҳарчанд ки боби якуми диссертатсия «Ҷойгоҳи Мастон Шералӣ дар адабиёти солҳои 60-80-уми садаи XX» унвон дошта бошад ҳам, вале ягон фасл ё зерфасли мушаххаси боб дар мавриди мақоми шоир дар адабиёт ба назар намерасад;

3. Дар баъзе саҳифаҳои диссертатсия ҷумлаҳо услубан нокомил мебошанд, ки он хосси кори илмӣ нест (сах. 19, 38, 74, 102);

4. Рӯйхати адабиёти диссертатсия таҷдиди назар мехоҳад, зеро дар он рӯзномаву маҷаллаҳо бо сарчашмаҳо ва адабиёти илмӣ омехта гардидаанд, бехтар мебуд, агар диссертант як бахши дигар бо номи «Рӯзномаву маҷаллаҳо» дар рӯйхати адабиёти созмон медод;

5. Дар баъзе саҳифаҳои диссертатсия (15, 37, 57, 79, 109, 118, 137), ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасад.

Бояд гуфт, ки камбудиҳои зикргардида ислоҳпазир буда, арзиши илмии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд.

Хулоса, диссертатсияи Ифтихори Амонқул дар мавзуи **«Ҷанбаҳои ҳунарӣ ва вижагиҳои жанрии ашъори Мастон Шералӣ»** таҳқиқоти илмии анҷомёфта буда, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30

июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Дар ин асос, муаллиф барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2. Филология (6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) сазовор мебошад.

Муқарризи расмӣ:
доктори илмҳои филологӣ,
профессори кафедраи назария ва
адабиёти навини форсии тоҷикии
факултети филологияи Донишгоҳи
милии Тоҷикистон Сироҷиддини Эмомалӣ
01.04.2026

Суроға: 734018, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ,
кӯчаи Н. Қарабоев, 150/2, ҳ. 34.
Телефон: (+992) 907-65-38-38.
E-mail: sirojiddin1975@mail.ru

Имзои Сироҷиддини Эмомалиро
тасдиқ мекунам:
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шодихонзода Э.Ш.

Суроғаи муассиса:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Телефон: (+992-37) 221-62-25; факс: 227-15-10.
E-mail: info@tnu.tj
«01» апрели соли 2026.